“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
_____ Насриддинзода Э.С.
“15” 05 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ

1. Мутобиқати мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег ба ихтисоси илмии 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ пурра мутобиқат менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, принсипҳо, шаклҳо ва механизми амалишавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд, ки бевосита ба доираи предмети ҳуқуқи меҳнат мансуб мебошанд.

Мазмуни диссертатсия фарогири таҳлили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, фаъолияти субъектҳои шарикии иҷтимоӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин масъалаҳои такмили қонунгузории меҳнат мебошад, ки ба самти ихтисоси интихобшуда мутобиқати комил дорад.

Ҳамзамон, мавзуи таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки рушди илм ва таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, ба масъалаҳои марбут ба ҳуқуқшиносӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии миллӣ иртиботи мустақим дорад.

Мавзуи таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 № 503 тасдиқ шудааст мувофиқ ва ба банди нӯҳуми он «Масъалаҳои марбут ба ҳуқуқшиносӣ» мансуб мебошад.

2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ бо як қатор омилҳои муҳимми назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ муайян мегардад.

Дар шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ тавсиф меёбад, масъалаи танзими самараноки муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Дар ин раванд, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми асосии

ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон, корфармоён ва давлат баромад менамояд.

Бо назардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ дар асоси Конститутсия вазифадор аст, ки шароити зиндагии арзанда ва рушди озодонаи шахсиятро таъмин намояд, ташаккул ва рушди низоми самараноки шарикии иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рақамикунонии муносибатҳои меҳнатӣ, шаклҳо ва механизмҳои анъанавии ҳамкории иҷтимоӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидаанд. Пайдоиши шаклҳои нави шуғл, тағйирёбии нақши иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён, инчунин густариши муколамаи иҷтимоӣ зарурати таҳқиқи илмии амиқи ин равандҳоро тақозо менамояд.

Ҳамчунин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масъалаҳои марбут ба шарикии иҷтимоӣ, аз ҷумла дастгоҳи мафҳумӣ, принсипҳо ва механизмҳои татбиқи он, то ҳадде номукаммал боқӣ мондаанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи маҷмуии масъалаҳои танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, таҳияи асосҳои назариявӣ ва пешниҳоди роҳҳои такмили он дар шароити муосир дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

3. Дараҷаи асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳо. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии диссертатсия бо дараҷаи кофии асоснокӣ ва далелнокӣ фарқ мекунанд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот доираи васеи манбаъҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷиро истифода намудааст. Истифодаи чунин заминаи васеи назариявӣ имкон додааст, ки масъалаҳои баррасишаванда аз нуқтаҳои назари гуногун таҳлил карда шаванд.

Методологияи таҳқиқот ба маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва хусусии ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ ва низомнок такя мекунад, ки барои расидан ба ҳадафҳои таҳқиқотӣ мусоидат намудааст.

Хулосаҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳлили мантиқии маводди назариявӣ ва амалӣ шакл гирифта, тавсияҳои илмӣ оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд.

Бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳолатҳо сатҳи истифодаи маводи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ (аз ҷумла таҷрибаи судӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ) маҳдуд буда, истифодаи васеътари онҳо метавонист дараҷаи асоснокии хулосаҳоро боз ҳам тақвият бахшад.

4. Навоварии илмии таҳқиқот. Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти муҷтамаъ дар илми ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки

масъалаҳои танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоиро ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор додааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ як қатор натиҷаҳои нави илмиро пешниҳод намудааст, аз ҷумла:

- таҳияи консепсияи муосири танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ;
- пешниҳод намудани таърифи муаллифонаи мафҳуми «шарикии иҷтимоӣ»;
- асоснок намудани мустақилияти нисбии ин институт дар низоми ҳуқуқи меҳнат;
- муайян намудани сохтор ва низоми субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар шароити муосир;
- пешниҳод намудани роҳҳои такмили қонунгузории миллӣ дар самти шарикии иҷтимоӣ.

Ҳамчунин, дар диссертатсия масъалаҳои вобаста ба таъсири рақамикунонӣ ва технологияҳои муосир ба рушди шарикии иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, пешниҳоди мафҳуми «шартномаи коллективии электронӣ» ҳамчун унсури нави танзими ҳуқуқӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Дар маҷмуъ, навоварии илмии таҳқиқот ба рушди назарияи ҳуқуқи меҳнат ва такмили заминаҳои ҳуқуқии танзими шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Аҳаммияти назариявии диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки он ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи меҳнат, махсусан дар самти омӯзиши институти шарикии иҷтимоӣ, саҳми муайян мегузорад.

Муаллиф тавассути таҳлили амиқи мафҳум, моҳият ва сохтори шарикии иҷтимоӣ, заминаи илмиро барои ташаккули фаҳмиши муосири ин падида дар илми ҳуқуқи меҳнати миллӣ фароҳам овардааст. Пешниҳод ва асоснок намудани консепсияи танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, инчунин дақиқсозии дастгоҳи мафҳумии он, дорои аҳаммияти назариявии муҳим мебошанд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои вобаста истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар раванди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба шарикии иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот барои фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои корфармоён ва дигар субъектҳои шарикии иҷтимоӣ аҳаммияти амалӣ дошта, метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мусоидат намоянд.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии боэътимод, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ таъмин гардидааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат, инчунин қонунгузории давлатҳои хориҷӣ васеъ истифода намудааст, ки ин ба таҳқиқот хусусияти муқоисавӣ ва таҳлилӣ медиҳад.

Истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва хусусии ҳуқуқӣ, аз ҷумла таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва низомнок, ба муаллиф имкон додааст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ асоснок намояд.

Истифодаивасеи маълумоти оморӣ, таҷрибаи амалии фаъолияти субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ва таҳлили ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқтатбиққунӣ дар созишномаҳои соҳавӣ дараҷаи эътимоднокии хулосаҳоро боз ҳам тақвият додаанд.

7. Саҳми шахсии довталаб. Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти диссертатсионӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Муаллиф мустақилона масъалаҳои асосии назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоиро таҳлил намуда, дар асоси он хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии худро манзур намудааст.

Таҳияи консепсияи муосири танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, пешниҳод намудани таърифҳои нави илмӣ, инчунин асоснок намудани зарурати такмили қонунгузорӣ дар ин самт, аз ҷумлаи натиҷаҳои муҳими фаъолияти илмии муаллиф ба ҳисоб мераванд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо ва иштирок дар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ инъикос ёфта, аз фаъолияти фаъоли илмии довталаб шаҳодат медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, саҳми шахсии довталаб дар рушди илми ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзиши институти шарикии иҷтимоӣ қобили арзёбӣ мебошад.

8. Интишорот аз рӯйи мавзуъ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар як қатор мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Интишороти мазкур мазмуни асосии таҳқиқотро фаро гирифта, натиҷаҳои муҳими илмии бадастомадаро инъикос менамоянд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд, ки ин ба апробатсияи натиҷаҳои илмии муаллиф мусоидат намудааст.

Дар маҷмӯъ, ҳаҷм ва сифати интишороти илмӣ ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, сатҳи кофии таҳқиқоти илмии довталаброро тасдиқ менамояд.

9. Арзёбии мазмун, сохтор ва анҷомёбии диссертатсия. Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар маҷмӯъ ба талаботи корҳои илмии диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳаҷми умумии таҳқиқот 201 саҳифаро ташкил медиҳад, ки барои чунин навъи таҳқиқот мувофиқ арзёбӣ мегардад.

Боби якум ба масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули институти шарикии иҷтимоӣ бахшида шудааст. Дар доираи ин боб муаллиф мафҳум, моҳият, пайдоиш, таҳаввул, принсипҳо ва шаклҳои шарикии иҷтимоиро мавриди таҳлил қарор додааст.

Ин боб дорои аҳаммияти назариявии муҳим буда, заминаи илмии таҳқиқоти минбаъдаро фароҳам меорад. Аз ҷумла, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи мазкур бори аввал дар илми ватанӣ таснифи мушаххаси назариявию ҳуқуқии мафҳуми «шарикии иҷтимоӣ» пешниҳод карда шудааст. Ошкор шудааст, ки мафҳуми "шарикии иҷтимоӣ", ки дар сархати шасту ҳаштуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ оварда шудааст, мазмуни ҳуқуқии онро пурра ифода намекунад. Бинобар ин, муаллиф таҳрири мафҳуми "Шарикии иҷтимоӣ"-ро пешниҳод намудааст, ки он аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Муайян шудааст, ки институти шарикии иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ амал мекунад, балки ҳамчун омили муҳими субот дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки мувозинати манфиатҳои давлат, корфармоён ва кормандонро таъмин намуда, инкишофи модели одилона ва муассири ҳамкории иҷтимоиро таъмин мекунад.

Дар ин боб ҳамчунин, принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ҳамчун принсипҳои асосӣ, ғояҳо ё ин ки нуқтаҳои ибтидоӣ дар меъёру қоидаҳои мутамаддин фаҳмида шаванд баррасӣ шудааст. Муаллиф яке аз принсипҳои муҳими шарикии иҷтимоӣ ин принсипи ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективиро дар сурати манфиатдор будани кормандон ва ё корфармо дар симои намояндагони ваколатдор маҳсуб донистааст. Ин принсип ҳамкориҳои байни шарикони иҷтимоӣ - кормандон ва корфармоёнро (намояндагони онҳоро) дар асоси ҳамкориҳои сетарафа бо иштироки мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатро дар бар мегирад.

Аз натиҷаи таҳлил муаллиф пешниҳод додааст, ки ба моддаи 298 КМ ҶТ (Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ) принсипҳои "таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ"; ва "мусоидати давлат дар мустаҳкам намудан ва инкишоф додани шарикии иҷтимоӣ дар асоси демократӣ" илова крада

шаванд.

Боби дуюм ба таҳлили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ бахшида шуда, дар он санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ, инчунин нақши шартномаҳои коллективӣ дар низоми шарикии иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар ин боб аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода намуда, қонунгузории як қатор давлатҳоро таҳлил кардааст, ки ин ҷиҳат қобили арзёбӣ мебошад. Бо назардошти такмилталаб будани танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, бахусус номукаммалии дастгоҳи мафҳумии он, то охир коркард нашудани механизмҳои ҳуқуқии равандҳои шарикии иҷтимоӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки Консепсияи рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат таҳия ва қабул карда шавад.

Муаллиф аз натиҷаи таҳлил хулоса менамояд, ки шартномаи коллективӣ ҳамчун институти ҳуқуқи меҳнат ва санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дар силсилаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мавқеи хоси худро дорад. Меъёру муқаррароти шартномаи коллективии мутобиқи қонунгузорӣ басташуда, барои ташкилот ҳатмӣ буда, вазъ ва ҳолати кормандонро дар қиёс бо муқаррароти тибқи қонун пешбинишуда коста карда наметавонад. Дар ин бахш бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ қувваи ҳуқуқии шартномаҳои коллективӣ аз рӯи се категорияи асосӣ муайян карда шудааст: 1) таносуб ва фарқияти байни шартномаҳои коллективӣ ва шартномаҳои меҳнатии инфиродӣ; 2) доираи амали шартномаҳои коллективӣ нисбат ба кормандон - аъзои иттифоқи касаба; 3) имконияти татбиқи муқаррароти шартномаҳои коллективӣ тавассути суд.

Ҳамчунин аломатҳо ва нишонаҳои асосии хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ доштани шартномаи коллективӣ ҳамчун санади меъёрии дохилӣ (локалӣ) ошкор карда шуданд, ки қобили таваҷҷуҳ буда, аҳамияти баланди илмӣ доранд.

Боби сеюм ба масъалаҳои марбут ба субъектҳои шарикии иҷтимоӣ бахшида шуда, дар он мавқеъ ва нақши давлат, намояндагони кормандон ва корфармоён, инчунин таъсири равандҳои рақамикунонӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ таҳлил гардидааст.

Дар он масъалаи мақоми ҳуқуқии тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар заминаи ҳуқуқи меҳнат муҳим арзёбӣ шуда, муайян мегадад, ки дар адабиёти илмӣ таърифи ягонаи субъектҳои шарикии иҷтимоӣ вуҷуд надорад, аммо аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки зери ин мафҳум бояд иштирокчиёни муносибатҳои коллективии меҳнатиро фаҳмид, ки тибқи қонунгузорӣ бо ҳуқуқи намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию меҳнатии тарафҳои дахлдор таъмин гардидаанд.

Аз ҷониби муаллиф чунин тақсимбандии субъектҳои шарикии иҷтимоӣ пешниҳод мегарданд: 1) кормандон ва мақомоти намояндагии онҳо; 2) корфармоён ва иттиҳодияҳои корфармоён; 3) мақомоти давлатӣ,

ки ваколатҳои дахлдорро дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоиро амалӣ менамоянд. Ошкор шудааст, ки ҳамкории тарафҳои шарикии иҷтимоӣ - кормандон ва корфармоён бо ёрии намояндагони ваколатдори онҳо сурат мегирад аммо, намояндагон тарафҳои шарикӣ нестанд. Онҳо танҳо иштирокчиёни шарикӣ буда, аз номи кормандон ва корфармоён ва танҳо ба манфиати онҳо амал мекунанд.

Ошкор карда мешавад, ки давлат бо иҷрои нақши шарики муҳими иҷтимоӣ мавқеи худро «болотар аз ҷомеа» нигоҳ медорад, зеро вазифаи асосии давлат дар танзими муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, вазифаи миёнаравӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқасозии манфиатҳо мебошад. Вазифаҳои асосии давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ ин ҳамоҳангсозии амал ва саъю кӯшиши муштараки шарикони иҷтимоӣ, мусолиҳаи тарафҳо, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Дар ин боб, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии иттиҳодияҳои корфармоён ҳамчун субъекти шарикии иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар таҳқиқот як қатор мушкилоти хусусияти назариявӣ ва амалидошта дар ин самт ошкор гардидаанд. Аз ҷумла, муаллиф ошкор намудааст, ки Қонуни Ҷумуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» ҳануз ҳам механизмҳои самаранокро барои таъмини намояндагии воқеии ин иттиҳодияҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин намекунад. Бо назардошти ин, муаллиф истифодаи меъёрҳои «иттиҳодияи намояндаи аксарият» -ро барои интихоби намояндаи корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ дар сатҳои соҳавӣ ва минтақавӣ зарур мешуморад. Ҳачунин, муаллиф пешниҳодро дар хусуси мувофиқаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат бо таври ҳатмӣ бо корфармоён асоснок намудааст.

Ин боб ҳамчунин аз лиҳози он ки дар он масъалаҳои муосир, аз ҷумла таъсири технологияҳои рақамӣ ва шаклҳои нави шуғл таҳқиқ шудаанд, аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Муайян шудааст, ки рақамикунонӣ моҳият ва рисолати шарикии иҷтимоиро аз байн набурда, балки онро дигаргун мекунад ва муваффақиятҳои ин гузариш ва мутобиқшавӣ ба ин раванд аз қобилияти субъектҳои дахлдор барои гузаштан аз моделҳои анъанавӣ ва якҷоя ташаккул додани "шартномаи иҷтимоии рақамӣ"-и нав вобаста мебошад. Муаллиф вобаста ба ин, ба роҳ мондани таҳқиқоти илмӣ барои омӯхтани усулу воситаҳои мушаххаси танзимкунанда барои иқтисоди платформавиро муҳим шуморида, дар заминаи хулоса ва пешниҳодҳои асосноки илмӣ таҳия намудани созишномаҳо ва шартномаҳои соҳавии рақамии озмоишӣ дар бахшҳое, ки бештар ба рақамикунонӣ осебпазиранд, зарур медонад.

Аз натиҷаи таҳқиқи масъалаи мазкур дефинитсияи «шартномаи коллективии электронӣ» таҳия шудааст, ки аҳамияти муҳимии илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, сохтор ва мазмуни диссертатсия мантиқӣ ва пайдарпай буда, ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошад.

10. Мутобиқат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Таҳқиқот дорои унсурҳои зарурии кори илмии диссертатсионӣ буда, аз ҷумла, дорои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии муайян, хулосаҳои асоснок ва пешниҳодҳои илмӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.5, Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ пурра мувофиқат мекунад.

Ҳаҷм, сохтор, тарзи баён, истифодаи манбаъҳои илмӣ ва сатҳи таҳқиқот ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, кори диссертатсионӣ ҳамчун таҳқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ мегардад.

11. Мутобиқати автореферат ба мазмуни асосии диссертатсия. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос намуда, унсурҳои муҳимми онро дар шакли фишурда пешниҳод менамояд.

Дар он мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин хулосаҳои асосии диссертатсия ба таври мухтасар ва равшан баён гардидаанд.

Автореферати диссертатсия дар маҷмуъ ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад.

12. Мутобиқати сатҳи илмии довталаб. Сатҳи омодагии илмии довталаб дар асоси мазмун ва сифати таҳқиқоти пешниҳодшуда мусбат арзёбӣ мегардад.

Муаллиф қобилияти таҳлили масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва амалиро нишон дода, аз усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ самаранок истифода намудааст.

Дониши муаллиф дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат, инчунин қобилияти муқоиса ва таҳлили қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, аз сатҳи баланди омодагии илмии ӯ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва интишори мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, фаъолият ва рушди минбаъдаи илмии довталабро тасдиқ менамояд.

13. Эродҳо ва масъалаҳои баҳснок. Бо вуҷуди арзёбии мусбати умумии диссертатсияи мазкур, дар он баъзе нуктаҳои баҳсноки хусусияти назариявӣ ва амалидошта ба назар мерасанд, ки аз унвонҷӯ ҳангоми ҳимояи диссертатсия шарҳ иловагиро талаб намуда, барои ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф мувофиқи мақсад мебошад:

1) Дар таҳқиқот масъалаи фарқгузории категорияҳои бунёдии назарияи ҳуқуқ, аз ҷумла «шарикии иҷтимоӣ», «муколамаи иҷтимоӣ» ва «ҳамкории иҷтимоӣ» ба таври дақиқ ва низомнок ҳаллу фасл нагардидааст. Дар натиҷа, дар як қатор мавридҳо ин мафҳумҳо ба таври ҳаммаъно истифода шуда, сарҳади байни онҳо норавшан боқӣ мемонад.

2) Муносибати муаллиф ба масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқи меҳнат то андозае нопурра буда, асосноккунии он ҳамчун институти нисбатан мустақил метавонист бо таҳлили амиқтари доктриналӣ тақвият дода шавад.

3) Таҳлили санадҳои байналмилалӣ бештар хусусияти тавсифӣ дошта, масъалаи имплементацияи онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ баррасӣ нашудааст.

4) Дар диссертатсия истифодаи маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, аз ҷумла таҷрибаи судӣ, омор ва фаъолияти воқеии субъектҳои шарикии иҷтимоӣ маҳдуд ба назар мерасад. Ҷалби чунин мавод метавонист аҳаммияти амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият бахшад.

5) Автореферати диссертатсия дар маҷмӯъ мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд, аммо дар баъзе мавридҳо такрори мустақими матни диссертатсия мушоҳида мешавад, ки метавонист бо шакли мухтасар ва таҳлилӣ иваз карда шавад.

Бо вуҷуди камбудиҳои зикршуда, бояд таъкид намуд, ки онҳо хусусияти куллӣ надошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

14. Хулосаи умумӣ. Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим мебошад.

Мавзуи таҳқиқот мубрам буда, мазмун ва сохтори диссертатсия ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф асоснок буда, навгонии илмии муайян доранд ва метавонанд дар рушди илми ҳуқуқи меҳнат ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси бандҳои 76–79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021) таҳия шудааст.

Тақриз аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ н.и.ҳ., дотсент, Давлатмандзода Э.Д. таҳия шудааст.

Дар ҷаласаи семинари илмӣ баррасӣ ва тасдиқ шудааст (протокол № 2 аз «13» майи соли 2026).

Иштирок доштанд: 18 нафар «тарафдор» – 18, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.

Эксперт:
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва
тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
н.и.ҳ., дотсент Давлатмандзода Э.Д.

Котиби ҷаласа:
муовини декан оид ба таълими факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Б.

Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ.
Давлатмандзода Э.Д., ва Қурбонов Қ.Б.
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«14» майи 2026 с.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, **тел.:** (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10; Email: info@tnu.tj; сомона: https://tnu.tj.